# ҶУСТУҶӮИ ИТТИЛООТ ДАР ИНТЕРНЕТ




Ҷустуҷӯи маълумотҳои зарурӣ дар миёни анбуҳи ниҳоят калони иттилооти хосият ва табиати гуногундошта яке аз масъалаҳое мебошад, ки инсоният онро садсолаҳо боз ҳал карда истодааст. Аз рӯйи афзоиши ҳаҷми захираҳои иттилоотӣ дар Интернет, воситаҳои махсуси ҷустуҷӯ ва қабулкунии самараноки иттилоотӣ таҳя гардиданд, ки бо ёрии онҳо ҷустуҷӯи санадҳои матлуб хеле ҳам осон ба роҳ монда шудааст. Дараҷаи самаранокии воситаҳои ҷустуҷӯӣ аз рӯйи низоми нишондиҳандаҳои семантикӣ дар асоси мувофиқати байни санадҳои ёфташуда ба дархост муайян карда мешавад.

*Релевантнокӣ* гуфта тарзҳои аз рӯйи маъно муайянкунии забони дархостро мегӯянд. Ҳангоми дархости иттилоотии корбар, низоми ҷустуҷӯӣ аз рӯйи маънои калима ё калидкалима ба таври худкор дар пойгоҳҳои додаҳои сервер, санадҳоро бо забонҳои гуногун ташхис намуда иттилоот пешниҳод менамояд.

*Нишондиҳандаҳои семантикӣ* гуфта пешниҳодкунии беталафот, саҳеҳ ва дурусти иттилоотро мегуянд.

Дигар гурӯҳи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулнокии ҷустуҷӯи иттилоотро *нишондиҳандаҳои парагматикӣ (эътимоднокӣ)* ташкил мекунад. Ин нишондиҳандаҳоро танҳо ҳангоми истифодабарии низоми иттилоотии ҷустуҷӯӣ муайян намудан мумкин аст.

***Низомҳои ҷустуҷӯии иттилоотӣ***

Афзорҳи асосии ҷустуҷӯи иттилоотро дар Интернет низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотии ташкил мекунанд, ки онҳоро дар навбати худ ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: *таснифӣ*, *луғавӣ* ва *фаннӣ*.

***Низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотии таснифӣ*** дар ташкили тарзҳои дарахти (иерархия) иттилоот истифода мешавад, ки бо ёрии

таснифгар фаъолият менамояд. Бахшҳои таснигфгарро сарлавҳа мегӯянд. Таснифгарҳо аз тарафи гурӯҳи махсуси муаллифон сохта шуда мунтазам такмил дода мешаванд. Таснифгарҳоро дар амал бошад дигари гурӯҳи мутахассисон истифода мебаранд, ки онҳоро маъмурони низом мегӯянд. Ин мутахассисон санадҳо ва иттилоотро пурра омӯхта ба онҳо нишонаҳои таснифиро мувофиқи бахшҳои таснифгар ҷудо мекунанд. Аз рӯйи нишонаҳои таснифӣ иттилоот ва санадҳои матлуб дар низом ҷустуҷӯ карда мешавад.

Мисолҳои таснифгарони низомҳои ҷустуҷӯии иттилоотӣ низомҳои Excite, Look Smart Yellow Web, «Созвездие Интернет» ва ғайраҳо шуда метавонанд.

***Камбудии низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотии таснифӣ***. Таснифгарон аз тарафи гурӯҳҳои кории гуногун ва дар кишварҳои мухталиф таҳия гардидаанд. Аз ҳамин лиҳоз ҳам онҳо аз ҳамдигар хеле тафовут доранд. Ба ғайр аз ин маъмурони низом дар мувофиқоварии маводҳо ба бахшҳо, ки бо забонҳои мухталиф эҷод шудаанд ба мушкилотҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ҳамин хотир ҳам таҳияи таснифгари саҳеҳ ва мутлақ ғайри имкон мегардад. Таҳиягарони таснифгар як қисми маводҳо ва санадҳоро ба якчанд бахшҳои муносиби таснифгар ҷойгир менамоянд.

***Низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотии луғавӣ*** пойгоҳи додаҳои аз калимаҳои санадҳои Интернет ташкилёфта истифода мебарад. Дар чунин пойгоҳи додаҳо ба ҳар як калима рӯйихати санадҳое вобаста гардидаанд, ки дар он ин калима мавҷудаст. Ҳар як низоми ҷустуҷӯии иттилоотии луғавӣ забони махсуси дархостҳоро дорад, ки онҳо ҷустуҷӯи муфассали калимаҳои матлубро мусоидат менамоянд. Ба низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотии луғавӣ дар Интернет низомҳои AltaVista, Rambler, Яндекс, Апорт шомил мешаванд.

Низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотии луғавӣ имкони пешниҳодкунии рӯйихати миллионҳо пайвандҳои санадҳоро доранд. Ҳатто азназаргузаронии ҳамаи рӯйихати пешниҳодгардида ғайри имкон аст. Аз ҳамин лиҳоз, ҳам қисми зиёди низомҳои ҷустуҷӯи

иттилоотии луғавӣ имконияти батартибории натиҷаҳои ҷустуҷӯро доранд ва санадҳои муҳимро дар аввали рӯйихат ҷойгир менамоянд. Низомҳои ҷустуҷӯии Rambler ва Яндекс мафҳумҳоро аз санадҳои мувофиқ гирифта аниқ ва ба тартиби муайян ҷойгир менамоянд.

***Дар низомҳои ҷустуҷӯии иттилоотии фаннӣ*** ҷустуҷӯи алоқамандии амсоли рӯйихати захираҳои шабака, ки иттилооти зарурӣ ва пайвандҳои сомонаҳои аз рӯйи маъно ба дархост наздикро пешниҳод менамояд. Дар чунин низомҳо сохторҳои ҳалқагии пайвандҳо сохта мешавад. Сервери www.webring.org аз даҳҳо ҳазор ҳалқаҳои ба мавзӯъҳои мухталиф алоқаманд иборат аст. Дар мавриди хурд будани ҳалқаҳо ҷустуҷӯи иттилоот мушкилот эҷод намекунад. Барои осонии ҷустуҷӯ дар сервери нишондодашуда низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотии таснифотӣ ва луғавӣ истифода мешаванд, ки раванди ҷустуҷӯи иттилооти матлубро осон менамоянд.

Барои ҳалли масъалаи ҷустуҷӯи иттилооти зарурӣ дар Интернет намуди алоҳидаи хизматрасониҳои шабакавӣ мавҷуд аст. Дар ин ҷо матлаб истифодабарии *серверҳои ҷустуҷӯӣ* ё *мошинаҳои ҷустуҷӯӣ* мебошад.

Серверҳои ҷустуҷӯӣ дар шабакаҳои саросарӣ ниҳоят зиёд ва гуногунанд. Амалан онҳоро аз рӯйи нишонаҳо ва ҷузвдонҳо ҷудо мекунанд.

Серверҳои нишонаҳо (индекс) аз рӯйи қоидаи зерин амал мекунанд: мунтазам бо мазмуни шумораи зиёди сомонаҳои торнигор шинос шуда ба онҳо нишона мегузоранд ва онҳоро пурра ё қисман ба пойгоҳи додаҳои умумӣ ҷой медиҳанд. Корбарони серверҳои ҷустуҷӯӣ имкон доранд ҷустуҷӯро бо истифодаи калидкалимаи мавзӯи матлуб дар ин пойгоҳи додаҳо анҷом диҳанд.

Сохтори серверҳои ҷузвдонӣ аз рӯйи усули таснифоти бисёрзинагии пайвандҳо ташкил шудааст. Баъзан ба пайвандҳо шарҳи мухтасари иттилоот ё санадҳои захираҳо ҳамроҳӣ мешаванд.

Ҳамчун қоида имконияти ҷустуҷӯ дар сарлавҳаи захираҳо ва шарҳи он бо ёрии калидкалимаҳо зиёдтар аст. Корбарон маъмулан аз ҷузвдонҳо дар ҳамон мавридҳое баҳрабардорӣ менамоянд, ки аз дархост интизории аниқ надоранд. Ҷузвдонҳои ҷустуҷӯиро бо каталогҳои китобхонаҳо ё таснифгарҳо муқоиса намудан ба мувофиқ аст. Таҳияи ҷузвдонҳои ҷустуҷӯӣ қисман худкор анҷом дода мешавад, вале таснифоти захираҳо бошад дастӣ анҷом дода мешаванд.

Ҷузвдонҳои ҷустуҷӯӣ ду намуд мешаванд – таъиноти умумӣ ва махсусгардонидашуда.

***Ҷузвдонҳои ҷустуҷӯии таъиноти умумӣ*** захираҳои соҳаҳои ниҳоят гуногунро дарбар мегиранд. Ҷувзонҳои ҷустуҷӯии махсусгардонидашуда бошанд, танҳо захираҳои ба мавзӯи муайян бахшидашударо муттаҳид менамоянд. Аз онҳо дастраскунии захираҳои соҳавӣ хеле ҳам ба мавриданд. Аз ин ҷузвдонҳо мавзӯъҳои соҳавии эътимоднокро сохтан мумкин аст.

Дар вақтҳои охир ҷузвдонҳои ҷустуҷӯии таъиноти умумӣ ва серверҳои ҷустуҷӯии нишонавӣ аз рӯйи афзалиятҳояшон бо суръати баланд муттаҳид мешаванд. Технологияҳои ҷустуҷӯӣ низ дар як ҷой наистода босуръат равнақ меёбанд. Серверҳои нишонавии анъанавӣ дар пойгоҳи додаҳо санадҳоеро ҷустуҷӯ менамояд, ки дар онҳо калидкалимаи дархостшаванда мавҷуданд. Яке аз серверҳои ҷустуҷӯии муваффақи ин намуд мошинаи ҷустуҷӯии Google (http://www.google.com) мебошад, ки байни корбарон нуфузи бештар дорад.



**Саволҳо:**

1. Релевантнокӣ чист?
2. Нишондиҳандаҳои семантикӣ кадом нишонаҳоянд?
3. Нишондиҳандаҳои парагматикӣ кадоманд?
4. Кадом намудҳои низомҳои ҷустуҷӯии иттилоотӣ мавҷуданд?
5. Тарзи кори низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотии таснифӣ чӣ гуна амал мекунанд?
6. Усули кори низомҳои ҷустуҷӯии иттилоотии таснифи ҷустуҷӯро чӣ гуна амалӣ менамояд?

## 3.6. КОР БО СЕРВЕРҲОИ ҶУСТУҶӮӢ

**Ташкилкунии ҷустуҷӯи иттилоот.** Кор бо серверҳои ҷустуҷӯӣ аз корбарон дар пайдокунии иттилооти матлуб заҳмати зиёдро талаб намекунад. Дар сатри суроғавии браузер суроғаи сервери ҷустуҷӯӣ ворид карда шуда, дар сатри дархостҳои сервери ҷустуҷӯӣ бошад, калидкалима ё пайдарпайии калимаҳои матлуб барои ҷустуҷӯи захираҳои иттилоот пешниҳод мегардад. Баъд аз интихоби тугмаи “Ҷустуҷӯ” дар як лаҳза сафҳаи аввали натиҷа иҷрои дархости корбар пайдо мегардад. Ҳачми умумии натиҷаи дархости ҷустуҷӯ метавонад миллионҳо пайвандҳоро дарбар гирад.

Одатан серверҳои ҷустуҷӯӣ натиҷаи ҷустуҷӯро бо ҳиссаҳои алоҳида пешниҳод менамояд, масалан, дар ҳар як сафҳа 20 ададӣ натиҷа пешниҳод мешавад. Бинобар ҳамин, натиҷаҳои аксар вақт аз як сафҳа зиёданд. Дар поёни рӯйихати пешниҳоди натиҷаи ҷустуҷӯ, пайвандҳое ҷойгир шудаанд, ки гузариш ба “ҳисса”-ҳои навбатӣ ё сафҳаҳои дигари натиҷаи ҷустуҷӯро мусоидат менамоянд .




Пайвандҳои сафҳаҳои натиҷаи ҷустуҷӯ

Дар бисёр мавридҳо, захираҳои матлуберо, ки корбар чустуҷӯ дорад, сервери ҷустуҷӯӣ натиҷаҳои асосиро дар сафҳаҳои аввал пешниҳод ва мақомбандӣ менамояд. Барои ёфтани захираи матлуб корбар метавонад аз якчанд натиҷаи аввали пешниҳодкардаи браузер истифода барад. Ҳамчун қоида корбар равзанаи натиҷаҳои пешниҳодкардаи браузерро напушида натиҷаҳои интихобкардаашро дар равзанаҳои дигар кушода азназар мегузаронад. Баъзан азназаргузаронии натиҷаҳои захираҳои пешниҳодгардида дар ҳамон як равзанаи браузер анҷом дода мешавад.

***Ташкилкунии дархостҳо***

Муваффақият дар ҷустуҷӯи иттилоот аз тарзи дуруст ва мақсадноки ташкилкунии дархост вобаста аст.

Мисоли оддиро дида мебароем. Фарз мекунем, корбар хоҳиши харидории компютери замонавиро дошта бошад ва мехоҳад дар бораи афзалиятҳову хосиятҳои компютерҳои замонавӣ аз шабака иттилоот бигирад. Аниқ аст, ки барои гирифтани иттилооти зарурӣ ба Интернет муроҷиат карда аз мошинаҳои ҷустуҷӯӣ баҳрабардорӣ менамояд. Бинобар сабаб, ки захираҳои зиёди иттилоотӣ бештар бо забонҳои англисӣ ва русӣ интишор мешаванд, дар ҷустуҷӯи иттилоот метавонад яке аз ин забонҳоро истифода барад. Агар корбар маҳорати истифодаи дигар забонҳоро низ дошта бошад, хуб аст. Бо забони тоҷикӣ нисбатан захираҳои маҳдуд ва нисбатан кӯҳнашуда ҷойгир шудааст, ки талаботи корбарро қонеъ намекунад. Барои гирифтани иттилоот дар майдончаи “Ҷустуҷӯ” агар танҳо калимаи “компютер” дархост карда шавад, натиҷаи пешниҳодгардида даҳҳо ҳазор пайвандро ташкил карданаш мумкин аст. Агар ҳамин гуна иттилоот бо забонҳои русӣ ё англисӣ дархост шавад натиҷ якчанд миллион пайвандҳоро ташкил мекунад ва барои гирифтани иттилоот ва азназаргузаронии ҳаряки он кори осон нест. Табиист, ки дар байни пайвандҳои пешниҳодгардида иттилооти зарурӣ мавҷуд аст, лекин аз миёни анбуҳи иттилоот ҷудо карда гирифтани иттилооти матлуб мушкилӣ эҷод мекунад.

Результатов: примерно 55 600 000 (0,22 сек.)

(Натиҷаҳо: тахминан 55 000 000 (0,22 сония))

Агар дар майдончаи “Ҷустуҷӯ” ибораи “Хатсайр ва мавзеҳои сайёҳии Тоҷикистон” дархост карда шавад, сервери ҷустуҷӯӣ садҳо натиҷаҳоро пешниҳод намуданаш мумкин аст. Агар корбар дар навиштани ибора ё дархости ҷустуҷӯ ба хатогиҳо роҳ дода бошад, сервер баъзан тарзи дурусти ташкили дархостро тавсия доданаш мумктин аст. Аз миёни ин натиҷаҳо низ метавонад корбар иттилооти матлубро пайдо накунад. Дигар хел карда гӯем, натиҷаи

ҷустуҷӯ каме фарқ доштанаш мумкин аст. Дар байни ин пайвандҳо метавонад иттилоот дар бораи калимҳои нисбатан дар серверҳо зиёд буда пешниҳод шуда бошад.




Умуман, на ҳамеша корбар маротибаи аввал иттилооти дархосткардаашро аз мошинаи ҷустуҷӯи пайдо карда метавонад. Нокомӣ дар ҷустуҷӯи иттилооти матлуб аз тарзи дурӯст ташкил намудани дархост вобаста мебошад. Агар дархост ниҳоят содда ва кӯтоҳ тартиб дода шавад, он гоҳ натиҷаҳо садҳо ҳазор ва миллионҳо пайвандҳоро ташкил карданашон мумкин аст. Баръакс, агар дархости корбар ниҳоят муфассал ва дар он иборахои нодир ҳамроҳ гардида бошад, мошинаи ҷустуҷӯӣ оиди пайдо нагардидани иттилооти матлуб иттило медиҳад.

Мунтазам зиёд ё кам кардани ҳаҷми калидкалимаҳо дар ҷустуҷӯ ва иваз кардани баъзе иборахо дар дархост барои корбар дар ҷустуҷӯи пайванди захира мусоидат мекунад.

Ба ғайр аз миқдори иборахои мусоид дар ташкили дархости иттилоот, мазмун низ аҳамияти калон дорад. Калидкалимаҳоро дар

ташкилкунии дархост одатан бо ҷойҳои холӣ (пробел) аз ҳамдигар ҷудо менамоянд. Дар хотир доштан лозим аст, ки на ҳама серверҳои ҷустуҷӯии гуногун ин қоидаро риоя мекунанд. Баъзе аз серверҳои ҷустуҷӯӣ аз рӯйи дархост танҳо пайвандҳои санадҳоеро пешниҳод менамоянд, ки дар онҳо калидкалима пурра мавҷуд бошад. Ҷойҳои холиро бошад ҳамчун бандаки мантиқии “ва” қабул мекунанд. Дигар серверҳо бошанд ҷои холиро ҳамчун “ё”-и мантиқӣ қабул доранд ва мувофиқан санадҳоеро пешниҳод менамоянд, ки дар онҳо ақаллан яке аз ибораҳои дар дархост қайдкардашуда мавҷуд бошад.



Ҳангоми тартибдиҳии дархости ҷустуҷӯӣ серверҳои ҷустуҷӯии зиёд имконият медиҳанд, ки алоқамандии мантиқӣ дар дархост ҷойгир карда шавад ва калидкалимаҳоро мутаҳид сохта интихобҳои дигари ҷустуҷӯро корбар фармоиш диҳад. Бандакҳои мантиқиро маъмулан бо ёрии калимаҳои англисии «AND», «OR» ва «NOT» ифода мекунанд, ки мувофиқан маъноҳои “ва”, “ё” ва “на”-ро доранд. Дар серверҳои ҷустуҷӯии мухталиф, ҳангоми ташкили ҷустуҷӯи фарохи дархост синтаксиси гуногун истифода мешавад, ки онро *забони дархостҳо* мегӯянд. Бо ёрии забони дархостҳо корбар метавонад шакли ба худ мувофиқи дархостро ташкил карда, дар калидкалимаҳо ибораҳои ҳатмӣ ва ёрирасонро қайд намояд.

Ҳамчун қоида, мошинаҳои ҷустуҷӯии муосир ҳангоми ҷустуҷӯи иттилоот шаклҳои гуногуни калима ё ибораро ёфта пешниҳод менамоянд. Новобаста аз он, ки корбар дар пешниҳоди калидкалима кадом шакли калимаро истифода мебарад, мошинаи ҷустуҷӯӣ ҳамаи шаклҳои мавҷудаи ибораро ҳангоми ҷустуҷӯ ёфта пешниҳод карда метавонад. Масалан, агар дар дархост калидкалимаи “шавад” дохилкарда шавад, санадҳое ёфта пешниҳод

мегарданд, ки шаклҳои дигари ин ибора мебошанд, ба монанди “шавад”, “мешуд”, “шудааст” ва ғайра.

Одатан, дар сафҳаи аввали сервери ҷустуҷӯӣ пайванди “Ёрӣ” мавҷуд аст. Аз ин пайванд корбарон баҳрабардорӣ намуда бо қоидаҳои ҷустуҷӯ ва забони дархостҳои дар ин сервер истифодашаванда шинос мешавад.

Интихоби сервери ҷустуҷӯӣ вобаста ба масъалаи гузошташуда ба роҳ монда мешавад. Агар корбар ба ҷустуҷӯи парвандаи муайян зарурат дошта бошад, пас истифодабарии серверҳои ҷустуҷӯии махсусгардонидашуда ба мақсад мувофиқ аст. Ин сервер аз сомонаҳои торнигор не, балки аз парвандаҳои бойгонишудаи Интернет санадҳоро ҷустуҷӯ мекунад. Мисоли чунин серверҳои ҷустуҷӯӣ метавонад FTP Search (http://ftpsearch.lycos.com) бошад. Барои ҷустуҷӯи парвандаҳо бо забони русӣ бошад, мутахассисон баҳрабардории сервери ҷустуҷӯии http://www.filesearch.ru–ро тавсия менамоянд.

**Ҷустуҷӯи нармафзорҳо.** Барои ҷустуҷӯи нармафзорҳо бошад аз бойгонии таъминоти барномавии сомонаҳо, ба монанди http://www.tucows.com/, http://www.windows.com, http://www.freeware.ru баҳрабардорӣ менамоянд.

Агар сомонаи торнигореро, ки корбар дар он ҷустуҷӯ дорад, дар дигар қисмати амрикоии шабака ҷойгир бошад беҳтар аст, ки аз серверҳои ҷустуҷӯии амрикоӣ истифода шавад. Агар сомона дар қисмати русзабони шабака маҳфуз бошад, ҷустуҷӯ мувофиқан бо серверҳои русӣ бо муваффақият анҷом дода мешавад.

Дар ҷадвали поёнӣ рӯйихати баъзе аз серверҳои ҷустуҷӯии нисбатан муваффақи таъиноти умумӣ оварда шудаанд. Ҳамаи ин серверҳо дар ҳоли ҳозир мавриди баҳрабардории умум қарор доранд ва аз ҳамдигар бо имконятҳои ҷузъияшон тафовут доранд.

*Рӯйихати серверҳои ҷустуҷӯии*
*нисбатан муваффақи таъиноти умумӣ*

http://www.yahoo.com

http://altavista.digital.com

http://www.hotbot.com

http://www.infoseek.com

http://www.northernlight.com

http://www.google.com

http://www.yandex.ru

http://www.rambler.ru

http://www.aport.ru

http://www.list.ru

http://www.ru

Аслан низомҳои ҷустуҷӯӣ аз се қисмат иборатанд:

– *робот* ин барномае мебошад, ки ба сомонаҳои торнигор ташриф оварда, онҳоро хонда нишонагузорӣ менамояд. Дар оянда ҳангоми дархостҳо аз рӯйи ин нишонагузориҳо пайвандҳои муносиби калидкалимаро пешниҳод мекунад. Азназаргузаронии серверҳо аз тарафи робот мунтазам ҳар ҳафта як маротиба ё дуҳафта як маротиба иҷро карда мешавад;

– *қатори нишонаҳо ва нусхаи матнҳои сафҳаҳои азназаргузаронидашуда*, ки дар низом ҷустуҷӯӣ сабт гардидаанд;

– *барнома*. Вазифаи барнома мувофиқи дархости корбар массиви нишонаҳоро таҳлил намуда, иттилооти зарурииро ҷудокарда ба истеъмолкунанда пешниҳод менамояд.

Дар соли 2000 мутахассисони ширкатҳои AltaVista, IBM ва Compag захираҳо ва абарпайвандҳои фазои иттилоотии мавҷудаи WWW-ро таҳқиқ намуданд. Ин ширкатҳо боёрии воситаҳои ҷустуҷӯии сервери AltaVista зиёда аз 600 миллион сомонаҳо ва якуним миллиард пайвандҳои дар ин сафҳаҳо ҷойгирбударо аз назар гузаронида ба хулоса омаданд, ки фазои омӯхташудаи иттилоотӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

- ҷавҳари марказӣ. Сомонаҳои торнигор, ки бо ҳам алоқамандии зич доранд ва аз яке сомона ба сомонаи дигар гузаштан имконпазир аст (27%);
- сафҳаҳои ирсолшаванда. Дар сафҳаҳои ирсолшаванда метавонанд пайвандҳо мавҷуд бошанд, ба сомонаҳои ҷавҳври марказӣ алоқамандӣ иҷро шавад, вале баръакс ба сафҳаҳои ирсолшаванда гузаштан намешавад (22%);
- сомонаи торнигори ниҳоӣ. Бо ёрии пайвандҳо аз ҷавҳар ба онҳо гузаштан мумкин аст, баръаксаш бошад на (22%);
- сомонаҳои пурра аз маркази ҷавҳар ҳифзкардашуда (22%);
- сомонаҳои торнигоре, ки ба дигар захираҳои Интернет иртибот надоранд (7%).




Сомонаҳо дар захираҳои Интернет қисмҳои «аён» ва «ноаён»

ҷудо мешаванд. Қисми «аён»-и сомонаҳо ин ҳамон қисматеро мегӯянд, ки аз тарафи низомҳои ҷустуҷӯӣ коркард шуда нишонагузорӣ мешаванд. Қисми «ноаён»-и сомонаҳо бошад қисматеро мегӯянд, ки барои коркарди низомҳои ҷустуҷӯӣ пешбинӣ нашудаанд.

Роҳи аз ҳама осони кор бо захираҳои иттилоотӣ дар Интернет, донистани суроғаи сомона мебошад. Корбар суроғаи сомонаро дониста онро дар майдони суроғаҳои браузер ворид намуда сомонаро мекушояд ва бо мазмун ва мундариҷаи сомона шинос мешавад. Суроғаи сомонаро аз манбаъҳои гуногун дастрас намудан мумкин аст. Масалан, аз маводҳои тарғиботӣ, “Сафҳаҳои зард”-и Интернет ва ғайра. Инчунин дигар сомонаҳоро азназаргузаронида ба сомонаи матлуб гузаштан имконпазир мегардад.

Корбарони ботаҷриба ҳамеша сомонаҳои заруриашонро дар тугмаҳои қабатии браузер сабт намуда нигоҳ медоранд.

Истифодабарии мошинаҳо ва ҷузвдонҳои ҷустуҷӯӣ барои ҷустуҷӯ ва дарёфт намудани иттилоот ба корбарон кӯмак мерасонанд.

***Тавсияҳои асосии ҷустуҷӯи иттилоот дар Интернет***

1. Барои ҷустуҷӯи иттилоот дар самтҳои мухталиф аз афзорҳои гуногуни ҷустуҷӯи иттилоот баҳрабардорӣ намудан мақсаднок мебошад. Ҷустуҷӯ дар ҷузвдон оиди сохтори дархост маълумот пешниҳод менамояд. Низоми ҷустуҷӯӣ бошад, барои дарёфти санади мушаххас мусоидат намуда, ҷустуҷӯ бо истифодаи номи доменӣ барои дарёфти сервери ширкат истифода мешавад.

2. Дар мавриди ҷустуҷӯи иттилоот бо истифодаи мошинаҳои ҷустуҷӯӣ аз ибораҳои умумӣ истифодабурдан раванди дарёти иттилооти матлубро душвор менамояд. Агар дар калидкалима нисбатан ибораҳои нодир истифода шавад, имконияти зудтар дарёфт намудани сананди матлуб зиёд мешавад.

3. Дар раванди ҷустуҷӯ якчанд ибораҳо истифодабарӣ мақсаднок аст. Ин ба кам шудани миқдори пайвандҳои аз мавзӯъ берун мусоидат менамояд.
4. Дар калидкалимаҳо истифодабарии ҳарфҳои калон мақсаднок нест.
5. Имконияти пайванди «Санадҳои монанд ёфта шавад» (Найти похожие документы) баҳрабародри намудан ҷустуҷӯро ба самти дурӯст равона менамояд.
6. Истифодабарии забони дархостҳо, метавонад ҷустуҷӯи иттилоотро нисбатан мушаххас намояд.

Технологияи зеринро технолонияи муосири ҷустуҷӯ дар Интернет мегӯянд:

- ҷустуҷӯи мафҳумҳо;
- ҷустуҷӯи расонаҳо;
- ҷустуҷӯи одамон.

**Ҷустуҷӯи мафҳумҳо.** Ширкати IBM технологияи тамоман нави ҷустуҷӯро пешниҳод намуд, ки мувофиқи он аз ҷустуҷӯ на бо таври анъанавии истифодаи калидкалимаҳо, балки раванди ҷустуҷӯи иттилоот аз рӯйи технологияи ҷустуҷӯ бо истифодаи мафҳумҳо, далелҳо ва ҳодисаҳо дар коркарди иттилоот амалӣ мешавад. Мувофиқи ин технология, корбар метавонад мавзӯи умумиро дархост намуда, мошинаи ҷустуҷӯӣ бошад дар навбати худ мувофиқати онро бо иттилооти пешакӣ коркардшуда муқоиса намуда пайвандҳои мувофиқро пешкаш менамояд.

**Ҷустуҷӯи расонаҳо**. Вақтҳои охир паҳнкунии иттилоот, беқолаб ва сохтори муайян дар шабака ба монанди санадҳо, тасвирҳо, шарҳу эзоҳ, тафсирҳо, пайғомҳои почтаи электронӣ, парвандаҳои видеоӣ ва аудиоӣ бо суръати ниҳоят баланд зиёд шуда истодаанд. Барои таҳлили ингуна иттилоот афзорҳои махсус коркард зарур аст, ки ҳоли ҳозир дар мошинаҳои ҷустуҷӯии

анъанавӣ кам мушоҳида мешаванд. Бинобар ҳамин ҳам пешсафони низомҳои ҷустуҷӯи иттилоот дар Интернет Google, Yahoo! ва Microsoft рақобати шадидаро баҳри мукаммалгардонии хизматрасонҳо ва пешниҳодкунии имкониятҳои нав дар раванди ҷустуҷӯ, бурда истодаанд.

Портали торнигори Yahoo! механизми нави ҷустуҷӯи маводҳои видеоиро дар Интернет таҳия намудааст, ки бо ёрии он талаботи рӯзафзуни маводҳои шавқовари чандрасонаӣ дар реҷаи on-line қонеъ гардонида мешавад. Yahoo! хадамоти махсусеро кашф намудааст, ки бо ёрии он натиҷаи ҷустуҷӯи маводҳои видеоӣ дар Интернет ба мисли натиҷаи иттилооти матнӣ ва графикӣ зиёд пешниҳод мегардад. Ин афзори ҷустуҷӯии иттилоот Next.yahoo.com барои кулли корбарон дастрас аст ва бо ёрии он ҷустуҷӯи иттилоотро дар форматҳои Windows Media, Apple QuickTime, Real Media ва ғайра ба роҳ мондан мумкин аст.

Дигар ширкатҳо низ дар ҳамин самт фаъолияти самаранок доранд ва кашфиётҳои бузургро барои пешниҳодкунии чунин хизматрасониҳо анҷом додаанд. Мошинаи ҷустуҷӯии Google на танҳо маводҳои видеоиро нишонагузорӣ намуда пешниҳод мекунад, инчунин барномаҳои телевизиониро навишта нишона мегузорад ва дар реҷаи on-line онҳоро пешниҳод намуда метавонад.

**Ҷустуҷӯи одамон.** Дар шабака ҷустуҷӯ намудани иттилоот оиди шахсиятҳои алоҳида мушкил аст. Дар ҳақиқат ҳам барои ташкил намудани ин гуна захира ширкатҳои гуногун ҷидду ҷаҳд намудаанд. Дар шабакаи саросарии Интернет афзорҳои махсуси ҷустуҷӯ эҷод гардидаанд, ки онҳо бо тариқи пулакӣ ва ройгон иттилоот дар бораи шаҳрвандон, шахсиятҳои маъруф, кормандони ширкатҳо, мутахассисон пешниҳод менамоянд. Иттилоот оиди одамон маъмулан дар шакли шарҳи ҳол пешниҳод мешавад. Барои пешниҳодкунии ҷустуҷӯи одамон серверҳои махсус ва муваффақ ба монанди http://www.zoominfo.com баҳрабардорӣ мешавад.

**Саволҳо:**

1. Вайроншавии захираҳои иттилоотӣ чист ва чӣ гуна тасниф мегарданд?
2. Омилҳои асосии бозори ҷаҳонии захираҳои иттилоотӣ кадомҳоянд?
3. Муайянкунии мақоми захираҳои сайёҳии ватанӣ чӣ гуна иҷро мегардад?
4. Аз рӯйи кадом нишондиҳандаҳо самаранокии воситаҳои ҷустуҷӯӣ дар Интернет муайян карда мешавад?
5. Сохтори низомҳои ҷустуҷӯӣ чи гуна ба роҳ монда шудааст?